**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Дар асрҳои XVII-XVIII муҳити сиёсию иҷтимоии Мовароуннаҳр ва Хуросон ба низоъу ноороми̣ҳои дохилӣ рӯ ба рӯ шуда, натавонист ба пешрафти илму фарҳанг шароити мусоид ва созандаеро фароҳам орад. Ҳамзамон қувваҳои эҷодию илмӣ дар ин давра ягона паногоҳи худро дар ҳавзаҳои адабии хону хонигариҳои гирду атроф медиданд. Боло рафтани низоъҳои дарборӣ, авҷи ҷаҳолат ва таасуби динӣ ва зиддиятҳои байни давлатҳои Осиёи Миёна аввалан шуҳрати адабии Бухорои адабпарварро коста карда, боиси ба вуҷуд омадани ҳавзаҳои адабӣ гардид, ки дар онҳо шоирони туркзабон имтиёзи бештареро соҳиб буданд. Вале нуфузи забони тоҷикии форсӣ ва мардуми ҳунарманду суханпарвари тоҷик дар ягон гӯшаи ин сарзаминҳо намегузошт, ки суннат ва анъанаҳои адабиёти тоҷикии форсӣ поймол гардад. Азбаски имконияти ривоҷи ҳунару ҳунармандӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон маҳдуд гашта, муҳити фарҳангӣ аз тақлиду пайравӣ боло намерафт, бинобар ин давраи мазкур дар соҳаи илму адабиёт номҳои бузурги ба ҳам пайвасткунандаи силсилаи адабиёти классикиро ба вуҷуд наовард ва адибони ин замон чунин мероси адабие аз худ боқӣ нагузоштаанд, ки бо моҳият ва қимати адабии худ давом ва инкишофи арзандаи беҳтарин вижагиҳои адабиёти классиикии

тоҷикии форсӣ бошад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки адабиёти ин давра ҳанӯз мавриди тадқиқоти муфассали илмӣ қарор нагирифтааст.

Дар ин давра доираи адабии Қӯқанд нисбат ба ҳавзаҳои адабӣ муташаккил ва барои фаъолияти эҷодии шоирон созгор ва қобили эътибор буд. Дар ин доираи адабӣ шоирони зиёде ҷамъ омада, дар баъзе бобатҳо суннатҳои адабии давраҳои гузашта, хусусан асри XV-ро ба тарзи махсус давом медод. Вале ин ҳама дар асоси талаботи аҳли дарбор воқеъ мегардид, ки пешво ва раҳнамои онҳо зимомдорони дарбор буданд. Бо вуҷуди ин суннатҳои адабиёти гузашта дар муҳити адабии ҳавзаҳои адабӣ на ба тариқи эҷодкорӣ, балки ба шакли тақлидию пайравӣ давом пайдо менамуд. Аз ҳамин сабаб, "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Шӯхии Хуҷандӣ" унвон гирифтани рисолаи илмии Ҳайдарова Бисаноат Умаровна, вобаста ба вижагиҳои муҳити адабии ин давра дуруст ва воқеӣ мебошад. Зеро Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо вуҷуди шоири соҳибдевон машҳуру маълум будан аз чаҳорчӯбаи адабиёти гузаштаи тоҷикии форсӣ берун нарафтааст. Зеро адабиёти туркзабон чун намояндаи қабилаҳои ҳукмрони рӯз дар ибтидо ҳанӯз анъанаҳои адабии гузаштаро таҳаммул накарда, дар зинаи тақлидӣ қарор дошта, барои ворид шудани баъзе ҷараёнҳои ноозмуда имконият намедод. Аз ҷониби дигар азбаски адабиёт дар ин давра победи дарбор буд, бинобар ин аҳли рикоб ҷараёнҳои нави сиёсию адабиро барои ҳокимияти давр аз хатар зиёдтар қабул дошт. Ҳамзамон ҳар гуна ҷараёни нави сиёсию адабӣ боиси бедории мардум гашта, аҳли дарборро маҷбур мекард, ки муносибати худро ба аҳли замон дигар кунад.

Муҳаққиқ бо мушоҳидаҳои дақиқ ва мубоҳисаҳои хеле муҳим, осори Мирзо Шӯхии Хуҷандиро "... аз лиҳози мавзӯву мундариҷа бою

рангин буда, ашъори ошиқона ва орифонаи ӯ бахши аъзами мероси адабии ӯро ташкил мекунад"., ба риштаи тадқиқ мекашад. Муаллифи рисолаи мавриди назар бар-он андеша аст, ки "...ҳарчанд мавзӯи ишқу ошиқӣ дар ашъори Шӯхии Хуҷандӣ сарчашма аз адабиёти пешин мегирад, вале образҳои анъанавии адабиёт др шеърҳои ошиқонаи ӯ ба тариқи тоза ифода ёфтаанд ва маъниҳои нав ба нави шоир аз ҷустуҷӯҳои тозаи Шӯхии Хуҷандӣ дарак медиҳа"(саҳ.148). Муҳаққиқ пас аз баррасию мубоҳисаҳои зиёд натиҷагирӣ намуда, ба чунин хулоса мерасад.

Баъзе паҳлуҳои мавзӯи мавриди назар дар рисолаву мақолоти баъзе муҳаққиқон ба назар расад ҳам, вале гузориши масъалаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва назарӣ дар адабиётшиносии даврони Истиқлол муҳим мебошад. Басо ҷолиб аст, ки муҳаққиқ ашъори Шӯхии Хуҷандиро мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода, ӯро яке аз пайравон ва идомабахши анъанаҳои адабиёти ҳазорсолаи тоҷикии форсӣ медонад.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиётшиносии муосир осор ва ашъори намояндагони адабиёти асрҳои XVII-XVIII-ро бори аввал дар асоси анъанаҳои адабиёти классикии тоҷикии форсӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар ин замина нақши адабиёти тоҷикии форсиро дар пайдоиш ва ташаккули равандҳои адабӣ дар он солҳо муқаррар менамояд..

Рисолаи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" тадқиқоти пурарзиши анҷомёфта буда, ашъори шоирро дар бастагӣ ба мавзӯи мавриди таҳқиқ фаро гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки рисолаи мазкур тибқи муқаррароти рисолаҳои илмӣ таҳия гардида, аз

муқаддима, се бобу шаш фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфтааст.

Муҳаққиқ дар муқаддима мубрамияти мавзӯи тадқиқотро хеле муфассал ва муҳим асоснок намуда, масоили марбута - дараҷаи омӯзиш, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, принсипҳои методологӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии мавзӯи тадқиқот, натиҷаҳои пажӯҳиш, нуктаҳои меҳвариро ба таври мunaззам ва системавӣ дунбол намудааст.

Ба назари мо, баъзе зербобҳои рисола дар таркиби бобҳое ҷойгир шудаанд, ки аз рӯи мазмун ва мундариҷа вобастаи якдигар намебошанд. Масалан, зербоби сеюми боби якуми рисола "Таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" унвон дошта, ҳамзамон боби дуюми рисола "Муҳтаво ва таркиби осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" номгузорӣ шудааст. Ин масоилро дар бобҳои алоҳида баррасӣ намудан чӣ маъно надорад? Ва ё рисола "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" ном дошта, танҳо боби чоруми он "Суннатҳои адабӣ дар ғазалиёти шоир" дар ҳаҷми 20 саҳифа ба ин масъала ихтисос гардидааст. Таркиби жанрии девони шоир ва нусхаҳои хаттии девони шоир мавриди тадқиқ мегардид, он гоҳ унвонии пажӯҳиш ба нақшаи рисола мутобиқ мегардид. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷараёни тадқиқ ва масоили мавриди назар ба моҳият ва мавзӯи пажуҳиш пурра мутобиқ мебошад, вале нақшаи корӣ ба ин шакл наметавонад мутобиқати боб ва зербобҳои мавзӯи тадқиқотиро ифода созад.

Боби якуми рисола Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII унвон дошта, аз чаҳор зербоб иборат аст. Дар ин боб масоили муҳим, аз ҷумла,

таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII, оид ба таърихи таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, таркиби жанрии девон ва нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Дар ин боб муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки аз такрори масоиле, ки дар тадқиқоти пешин, аз ҷумла дар рисолаи номзадии Камол Ёқубӣ "Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" худдорӣ намояд. Ҳайдарова Бисаноат танҳо ба дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори шоир назар мекунад ва ба нуктаҳое, ки оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир Камол Ёқубӣ баён кардааст, аз назари танқидӣ баҳогузорӣ менамояд.

Боби дуюми рисола "Муҳтаво ва таркибт осори Шӯхии Хуҷандӣ" унвон дошта, он аз се зербоб, аз ҷумла, тараннуми ишқ ва масоили дигар дар ашъори шоир, ирфон дар ғазалиёти шоир, назари иҷтимоии Мирзо шӯхии Хуҷандӣ созмон ёфтааст.

Боби сеюми рисола "Сувари хаёл ва услуби бадеии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" унвон гирифта, вижагиҳои сабк, забон ва дараҷаи сувари хаёл дар ашъори шоир мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Боби чоруми рисола "Суннатҳои адабӣ дар ғазалиёти шоир" унвон дорад ва масоили пайравии шоир ба адибони гузашта, авзон, қофия ва радиф дар ашъори шоир тадқиқ шудааст.

Ҳамин тариқ, муаллифи рисолаи мазкур ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, дар шинохти арзиши илмии ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ саҳми боризеро гузоштааст.

Фишурдаи рисола пурра моҳият ва муҳтавои рисоларо ифода карда, ҳама бобу фаслҳои он тибқи муқаррароти расмие, ки аз

ҷониби КОА назди Президенти ҶТ муайян шудааст, мураттаб гардидааст.

Дар рисола зимни пажӯҳиш баъзе нуқсу камбудиҳо ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати пажӯҳиши мазкур хоҳад шуд, аз ҷумла:

1. Ба назари мо, чун сухан аз намояндагони адабиёти ҳавзаи Мовароуннаҳр меравад, истифодаи истилоҳи "тоҷикии форсӣ"(на форсии тоҷикӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад.
2. Дар ҷараёни тадқиқ мо ба ифодаи сохтаи "адабиёти умумитоҷикии форсӣ" вомехӯрем, ки дар ин маврид ҳам истифодаи истилоҳи адабиёти "тоҷикии форсӣ" мувофиқ аст.
3. Дар муқаддима ва хулосаи рисола муносибати Мирзои Шӯхии Хуҷандӣ ба ирфон баррасӣ мешавад, вале ин масъала дар ду саҳифаи компютерӣ хеле мухтасар ҷамъбаст гардидааст. Ба назари мо, барои Шӯхии Хуҷандиро ба ин ҷараёни адабӣ марбут донистан мушоҳида ва хулосаҳои саҳеҳ лозим аст. Ва ё агар ирфон ва андешаҳои марбут ба он ба ашъори шоир иртиботе дорад, бояд онро бо далелу санади санҷидашуда ва бо инобати мубоҳисони ин ҷараён баррасӣ бояд намуд.
4. Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки "Образҳои адабии ашъори шоир чун Фарҳоди Кӯҳкан, Юсуфи Мисрӣ, Лайливу Мақнун, Фарҳоду Ширин ҳарчанд тайи ҳазорсолаҳо образҳои марказии адабиёти куҳанбунёди мо қарор дорад, вале Шӯхии Хуҷандӣ дар мазмунсозиву маънипардозӣ тозагиҳои эҷодиро ба роҳ мондааст"(саҳ.148). Ин хулосаи муҳим дар рисола хеле норавшан ба назар мерасид.

5. Муҳаққиқи барҷастаи сабки ҳиндӣ Н.И Пригарина маънисозию маъниофариро аз вижагиҳои асосии сабки ҳиндӣ медонад. Ба назари мо, Шӯхии Хуҷандӣ аз ҷиҳати маъниофарӣ ва таркибсозӣ ва ҳатто дар баёни мазмунҳои ирфонӣ бештар ба сабки ҳиндӣ наздик аст. Ҳатто дар масъалаи таъсири анъанаҳои адабии форсии тоҷикӣ ба осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ муҳаққиқ бештар аз баҳрабардории шоир аз намояндагони сабки ҳиндӣ баҳс ба миён оварда, мушоҳидаҳои хеле ҷолиб баён мекунад. Аз ин рӯ, хулосаи муҳаққиқ дар бораи он ки "Дар ҳар сурат, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар мазмунсозиву маъниофарӣ мрҳир аст ва образҳои шоиронаи ӯ бештар ба сабки махсуси худаш эҷод шудааст"(саҳ.114), қобили мулоҳиза аст. Набояд фаромӯш кард, ки дар асри XVIII-XIX ба сабки ҳиндӣ рӯ овардани шоирони ҳавзаи Мовароуннаҳр ба як ҷараёни адабӣ табдил ёфта буд ва дар ин радиф Шӯхии Хуҷандӣ истисно нест.

6. Намунаи авзони ғазалиёти шоир хеле дақиқкорона тадқиқ шудааст ва муҳаққиқро мебоист дараҷаи истфодаи авзони шеър дар ашъори Шӯхии Хуҷанд таҳия намуда, дар ин асос ба хулосаҳои муҳимтари илмӣ дастёб мегардид.

7. Дар рисола ва мтни фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасад ва муҳаққиқро лозим аст, ки зимни таҳияи корҳои оянда ислоҳи онҳоро дар назар дошта бошад.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки рисолаи мазкур ба сифати як асари муфассали таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ, исломшиносӣ, сарчашмашиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна таҳти унвони "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ)" ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқ буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Муқарризи расмӣ** **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович**

**номзади илмҳои филологӣ,**

**дотсенти кафедраи забони тоҷикии**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Имзои Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Бухориев Н. А.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**

**E - mail: odinaievn@mail.ru**

**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**

**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**

**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**